Ба шурои диссертатсионии
6D.КОА-063 назди Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқ мебошад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоюли рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Мавзуи диссертатсия аз рӯйи мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва мазмуни таҳқиқот ба самти илмии пешниҳодшуда мутобиқ буда, ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ равона гардидааст.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, гузариш ба модели рушди устувор ва ташаккули иқтисоди сабз тавсиф мегардад, масъалаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки таъмини рушди устувори иқтисодӣ бештар аз сатҳи рушди бахши хусусӣ, самаранокии сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва ташаккули низоми муассири ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ вобастагӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои охир рушди соҳибкорӣ ва дастгирии бахши хусусӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат муайян гардидааст. Дар ин замина, қабули стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди иқтисоди сабз аз таваҷҷуҳи ҷиддии давлат ба масъалаҳои мазкур шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи муосир нишон медиҳад, ки дар самти ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ то ҳол як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, нокифоягии инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, истифодаи нопурраи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва сатҳи нисбатан пасти татбиқи технологияҳои рақамӣ боқӣ мондаанд.

Дар чунин шароит зарурати таҳқиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳои такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ, мутобиқсозии он ба талаботи рушди устувори иқтисодӣ, иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои сабз ба миён меояд. Маҳз ҳамин омилҳо мубрамият, аҳаммияти илмию амалӣ ва саривақтии мавзуи диссертатсияи Асрорзода Абдулло Сатторро муайян менамоянд.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар таҳия ва асоснок намудани равишҳои муосири такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори

иқтисодӣ ифода меёбад. Муаллиф масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба иқтисоди сабз мавриди таҳқиқ қарор дода, як қатор натиҷаҳои нави илмиро ба даст овардааст.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмии дар он асоснокгардида дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия равиши нави илмию методии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун унсури муҳими рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф ҳамкории давлат ва бахши хусусиро ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ арзёбӣ намуда, нишон медиҳад, ки дар шароити муосири рушди иқтисодӣ чунин ҳамкорӣ бояд ба талаботи рақамикунонии иқтисодиёт, рушди иқтисоди сабз ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мутобиқ гардонида шавад. Дар ин замина, муаллиф нақши давлатро ҳамчун танзимкунанда ва фароҳамоварандаи муҳити институтсионалӣ ва бахши хусусиро ҳамчун манбаи сармоягузорӣ, инноватсия ва рушди рақобатпазирии иқтисодӣ асоснок намудааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки ҳамгироии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонад заминаи муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ гардад (саҳ. 15-29; 111-123).

2. Дар асоси таҳлили вазъи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф тамоюлҳо ва хусусиятҳои асосии рушди бахши соҳибкориро муайян намудааст. Аз ҷумла, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар иқтисоди миллӣ ҳиссаи асосиро соҳибкории хурд ва инфиродӣ ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ҳиссаи корхонаҳои миёна ва калон нисбатан маҳдуд боқӣ мемонад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, сатҳи баланди фоизҳои қарзӣ, нокифоя будани инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотӣ ҳамчун омилҳои асосии боздорандаи рушди соҳибкории миёна ва калон баромад мекунанд. Ҳамзамон, таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар сохтори умумии шахсони ҳуқуқӣ ҳиссаи корхонаҳои калон ҳамагӣ 1–1,3 фоизро ташкил медиҳад, ки ин ҳолат аз маҳдуд будани имкониятҳои рушди соҳибкории

истеҳсолӣ ва сармоягузории дарозмуддат шаҳодат медиҳад. Муаллиф инчунин вобастагии рушди соҳибкориро аз сатҳи рушди низоми молиявӣ ва сиёсати давлатии дастгирии бахши хусусӣ таҳлил намудааст (саҳ. 62-94; 75-88).

3. Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки такмили ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои сабз муайян карда шудаанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, ташкили платформаҳои рақамии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, рушди хизматрасониҳои электронии давлатӣ ва татбиқи механизмҳои муосири шарикии давлативу хусусӣ метавонанд ба баланд гардидани самаранокии сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Дар таҳқиқот инчунин зарурати дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ва “сабз”, истифодаи технологияҳои каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар, инчунин такмили низоми ҳавасмандгардонии давлатии соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф масъалаҳои рақамикунонии иқтисодиётро ҳамчун яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ намудааст (саҳ. 111-138).

4. Муаллиф модели такмилёфтаи механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкориро пешниҳод намудааст, ки ба ҳамгироии воситаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявии дастгирии соҳибкорӣ асос ёфтааст. Модели пешниҳодшуда ба фароҳамсозии муҳити мусоиди соҳибкорӣ, рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ, тақвияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидааст. Дар доираи модели мазкур механизмҳои такмили дастгирии молиявӣ, рушди институтҳои дастгирии соҳибкорӣ, истифодаи платформаҳои рақамӣ ва густариши механизмҳои иқтисоди сабз пешниҳод гардидаанд. Муаллиф дуруст асоснок менамояд, ки татбиқи чунин модел метавонад ҳамкории давлат ва бахши хусусиро ба сатҳи сифатан нав бароварда, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди соҳибкории инноватсионӣ заминаи мусоид фароҳам оварад (саҳ. 139-155).

Нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда бо мазмуну муҳтавои диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат намуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мантиқан пайдарҳам мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва рушди шарикии давлативу хусусӣ истифода шаванд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи равишҳо ва усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ таъмин карда шудаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, оморӣ, таҳлили омилӣ, инчунин равишҳои системавӣ ва институтсионалӣ васеъ истифода намудааст, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ заминаи илмӣ фароҳам овардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин бо истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, маълумоти расмии оморӣ, маводи Агентии омор, ҳисоботҳои вазорату идораҳо ва маводи ташкилотҳои байналмилалӣ таъмин гардидааст. Ҳангоми таҳияи диссертатсия корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, танзими давлатии иқтисодиёт, рушди устувор, иқтисоди сабз ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллиф хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии худро дар асоси таҳлили вазъи воқеии рушди соҳибкорӣ ва ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намуда, онҳоро бо таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ муқоиса кардааст. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия асосноккардида мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд ва ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок, эътимоднок ва барои истифода дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ қобили қабул мебошанд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмии диссертатсия дар рушди минбаъдаи асосҳои назариявӣ ва методологии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ ифода меёбад. Муаллиф масъалаҳои ташаккул ва такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусиро бо дарназардошти равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, рушди иқтисоди сабз ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ таҳқиқ намуда, як қатор равишҳо ва пешниҳодҳои нави илмиро асоснок кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи соҳибкорӣ, иқтисодиёти соҳибкорӣ ва механизмҳои танзими давлатии иқтисодиёт ҳамчун заминаи илмӣ истифода гарданд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои таҳиянамудаи муаллиф барои такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории мақомоти давлатӣ бо субъектҳои соҳибкорӣ равона гардидаанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ ва субъектҳои бахши хусусӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳои рушди соҳибкорӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи пешниҳодҳои муаллиф метавонад ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва инноватсионӣ, ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, рушди механизмҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба баланд гардидани

самаранокии идоракунии иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ замина фароҳам оварад.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, рушди табақаи соҳибкорон, беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, татбиқи механизмҳои иқтисоди сабз ва технологияҳои рақамӣ метавонад ба баланд бардоштани сатҳи масъулияти иҷтимоӣ ва экологӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус, стратегияҳои рушди соҳибкорӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ васеъ истифода гарданд.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Тавре аз таҳлили автореферат ва феҳристи интишороти илмии довталаб бармеояд, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ инъикос гардидаанд, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, қисми дигари натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ интишор шудаанд.

Мақолаҳои илмии муаллиф мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, рушди устувори иқтисодӣ, иқтисоди сабз ва рақамикунонии иқтисодиётро дар бар мегиранд.

Теъдод ва сатҳи интишороти илмии довталаб ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олилии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки диссертатсия ва автореферати он тибқи талабот ва муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд. Сохтор ва тартиби таҳияи диссертатсия ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои асосӣ, аз ҷумла муқаддима, бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт мантиқан пайдарҳам ва мутобиқ ба талаботи методологӣ пешниҳод гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра инъикос намуда, натиҷаҳои асосии илмӣ, навгонии илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллифро фаро мегирад.

Матни диссертатсия бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи хуб таҳия гардида, услуби илмӣ, пайдарҳамии мантиқӣ ва талаботи техникии таҳияи корҳои диссертатсионӣ асосан риоя шудаанд. Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

## 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмию назариявӣ ва аҳаммияти амалии диссертатсия, дар он баъзе нуқтаҳои баҳсталаб ва тавсияҳое ҷой доранд, ки метавонанд барои такмили минбаъдаи таҳқиқот мусоидат намоянд:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба таҷрибаи байналмилалии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, аммо ба андешаи мо, мувофиқи мақсад мебуд, ки таҷрибаи давлатҳои алоҳидаи пешрафта ва кишварҳои минтақа бо таҳлили муқоисавии васеътар баррасӣ карда мешуд.

2. Муаллиф масъалаҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва истифодаи технологияҳои рақамиро ҳамчун самти муҳими такмили ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ асоснок намудааст, вале механизмҳои амалии татбиқи платформаҳои рақамии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мушаххастар таҳия гарданд.

3. Дар баъзе ҷадвалҳо ва нишондиҳандаҳои оморӣ таҳлили динамикии тағйиротҳо кӯтоҳ баён гардида, мувофиқи мақсад мебуд, ки хулосаҳои таҳлилӣ вобаста ба баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ васеътар пешниҳод карда шаванд.

4. Дар диссертатсия масъалаҳои рушди иқтисоди сабз ва соҳибкории инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо баъзе пешниҳодҳо оид ба механизмҳои ҳавасмандгардонии давлатии соҳибкории сабз метавонанд мушаххастар ва бо нишондиҳандаҳои иқтисодии иловагӣ асоснок карда шаванд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати техникии корро боз ҳам беҳтар менамуд.

Бо вуҷуди эроду тавсияҳои зикршуда, онҳо ба аҳаммияти илмӣ, сатҳи назариявӣ ва арзиши амалии диссертатсияи тақризшаванда таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақилонаи илмӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии рушди соҳибкорӣ ва такмили ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ равона гардидааст. Дар диссертатсия масъалаҳои мубрами рушди устувори иқтисодӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, рушди иқтисоди сабз ва такмили механизмҳои дастгирии соҳибкорӣ дар сатҳи хуби илмӣ таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ истифода гарданд.

Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда,

муаллифи он Асрорзода Абдулло Саттор сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи менеҷменти Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Аминов И.

Имзои д.и.и., профессор Аминов И.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: i_aminov@mail.ru, тел.: (+992) 927709825.